Эмомалӣ Раҳмон



УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

УФУҚҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Душанбе
«Ганҷ-нашриёт»
2018

ББК 72.3+63.3(2 тоҷик)+66.4(2 тоҷик)+66.49+66.5(2 тоҷик)+65.5+66.61(2 тоҷик)7
Р-47

2018-12-10 14:43

Эмомалӣ Раҳмон.
Р-47 Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: "Ганҷ-нашриёт", 2018. - 436 саҳ.

Дар китоби арзишманди Асосгузори сулҳу вақдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон **"Уфуқҳои Истиқлол"** дар бораи бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои кишварамон дар чаҳоряк асри Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон, рушди иқтисодии мамлакат, сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он, Вақдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ, мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ва фардои дурахшони кишвари соҳибистиқлоламон сухан меравад.

Китоб барои сиёсатшиносону муаррихон, муҳаққиқону коршиносони масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, байналмилалӣ, рӯзноманигорон ва умуман, доираи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

ISBN 978-99975-45-19-0

© Эмомалӣ Раҳмон, 2018.

шуда бошад, айни замон дар кишвар 48 масҷиди ҷомеи марказӣ, 326 масҷиди ҷомеъ, 3551 масҷиди панҷвақта, 1 Маркази исмоилия, 3 ҷамоатхонаи исмоилӣ, 70 ташкилоти динии ғайриисломӣ, дар маҷмӯъ, 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳуқуқҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии пайравони динҳо ва ҷараёнҳои динӣ дар Тоҷикистон ҳамеша зери ҳимояи давлат қарор доранд.

Яке аз дастовардҳои дигари муҳим дар 25 соли даврони Истиқлолияти давлатӣ таъсис ёфтани Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа" мебошад. Донишкада имрӯз маркази таълимии динӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар тарбияву таълими садҳо нафар ҷавонони минтақаҳои гуногуни кишварамон саҳми худро мегузорад.

Мо дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушди илми ватанӣ дар омӯзиши масъалаҳои динӣ шароити мусоид ба вуҷуд овардем. Дар ин росто "Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро ҳамчун муассисаи давлатии тадқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ, ташхисӣ ва машваратӣ таъсис додем, ки барои баррасии умдатарин муаммоҳои алоқаманд ба дин нақши калидӣ бозид.

Маркази мазкур ба корҳои пажӯҳишӣ машғул буда, то имрӯз ба хотири амалӣ намудани як қатор чорабинӣ

2018-12-10 14:42

ниҳоӣ муҳим доир ба дастрасӣ дошта ба адабиёту иттилооти зарурӣ, гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ барои омӯхтани вазъи динӣ дар ҷумҳурӣ, таъсиргузории вазъияти динию сиёсӣ дар кишварҳои мусулмоннишин ба тафаккуру андешаи ҷавонон, баргузор намудани нишасту ҳамоишҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва нашри китобу мақолаҳо корҳои зиёдро анҷом дода истодааст.

Имрӯз зарурати аз нигоҳи илмӣ омӯхтани масъалаҳои марбут ба ислом, муносибати давлат ба дин, сиёсат ва ислом, шинохти ҳизбу созмонҳои динӣ, исломи сиёсӣ, миллат ва дин, худшиносии миллӣ ва амсоли инҳо аҳамияти махсус касб кардааст. Аз ин рӯ, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмиро зарур аст, ки оид ба масъалагузории мазкур тадқиқоти илмӣ ба анҷом расонанд.

Ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаёти халқи тоҷик таҳаввулоти ҷиддиро ба миён овард, ки ҳадафи он, пеш аз ҳама, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардум, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи исроф, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамуд, иборат аст. Меъёрҳои қонун дар замони амалишавӣ

2018-12-10 14:42